# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 20

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.01.2024, № 20.2

Барои сазовор донистани Кармышева Майсара Назруллоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя 22 ноябри соли 2023, суратмаҷлиси № 20 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Кармышева Майсара Назруллоевна 15 августи соли 1984 таваллуд шудааст.

Соли 2007 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм карда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ гаштааст.

Дар вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Назирӣ Гулбаҳор Назир – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Амонова Дилбар Субҳоновна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;
2. **Гадоев Амиршо Ҷурақулович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмиллалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи муштараки кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2023, суратҷаласаи № 5/1 муҳокима шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ

ва фаъолияти соҳибкорӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафоев А.К., эксперт- н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ Одиназода К.С. ва котиби ҷаласа ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ  Мирзомуродов Ҳ.А. имзо шуда, аз тарафи ректори донишгоҳи зикршуда доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У. санаи 27.12.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки  диссертатсия дар мавзӯи "Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Кармышева Майсара Назруллоевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 8 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

[1-М]. Зарурати инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Н. Кармышева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 5. – С. 156-163.

[2-М]. Тафсири иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои меҳнатӣ/ Кармышева М.Н. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. –2022 –№2 –С.140-147.

[3-М]. Нақши осорҳои таърихӣ - фарҳангӣ дар рушди сайёҳии Тоҷикистони марказӣ/ Кармышева М.Н., Амонатова М.А. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. –2022 –№2–С.201-206

[4-М]. Хусусиятҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар як қатор кишварҳои хориҷӣ/ Назирӣ Г.Н., Кармышева М.Н. // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2022 – №11 С.121 -127.

[5-М]. Хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кармышева М.Н. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. –2023 –№2 С. 131-141.

[6-М]. Самаранокии итифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва нишондодҳои асосии он дар иқтисодиёти миллӣ// Маводҳои Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир" бахшида "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф" (солҳои 2020-2040)– Душанбе, 2022. - С.416-423.

[7-М]. Роҳҳои баланд намудани ҳосилнокии меҳнат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои Конференсияи Ҷумҳуриявии илми амалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон (30 марти 2023)" – Душанбе, 2023. - С.222-230.

[8-М]. Такомули танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир" бахшида "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф" (солҳои 2020-2040)– Душанбе, 2022. - С.479-485.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. **Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферат ба таври кофӣ низоми танзими давлатии истифодаи захираҳои меҳнатӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудааст?; 2) Дар автореферат самтҳои асосии баланд бардоштани самараи захираҳои меҳнатӣ нишон дода шудааст, аммо ин нуқтаҳои назари муаллиф баҳсбарангез аст.

1. **Ризоқулов Туракул Рабимқулович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар қисмати назариявии автореферат асосҳои назариявии истифодаи самраноки захираҳои меҳнатӣ нокифоя тавзеҳ дода шудааст; 2) Дар автореферат баъзе андешаҳои овардашуда тавзеҳ дода нашудааст ва ҳамзамон хатогиҳои имлогӣ низ ба чашм мерасанд**.**

1. **Сафаров Баҳром Гулматович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чунин эрод: 1) Дар қисмати назариявии автореферат мавқеъи муаллиф оид ба моҳияти иҷтимоию иқтисодии захираҳои меҳнатӣ кам ба назар мерасад, яъне андешаҳои муаллиф пурра дарҷ нашудааст; 2) Дар автореферат зикр шудааст, ки ҳангоми таҳлили сохтори захираҳои меҳнатӣ, бахусус гурӯҳбандии он, омилҳое ба назар гирифта мешаванд, ки ба ташаккули

захираҳои меҳнатӣ  таъсир мерасонанд. Аммо ин омилҳо ба таври зарурӣ кушода нашудааст?.

**Расулова Лутфия Нуралиевна** – номзади  илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо чунин эродҳо: 1) Нишондиҳандаҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ба таври зарурӣ  нишон дода нашудааст; 2) Ба андешаи муаллиф таҳлили нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи кишвар ва миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки тамоюли рушд ҳархела ба назар мерасад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар сабабҳо ё омилҳои муайянкунандаи ин ақида шарҳ дода мешудаанд?

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявию  методии захираҳои меҳнатӣ   ва истифодабарии самараноки он муайян гардидааст;

- таҳлил ва баҳодиҳии таъсири вазъи демографӣ ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии баландбардори самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ  таҳия карда шудааст;

-муайян намудани сабаб ва оқибатҳои истифодаи нопурраи захираҳои меҳнатӣ ва муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асарҳо, коркарди илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил менамоянд, ки ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бахшида шудаанд;

- пешниҳодҳои илмӣ-методӣ доир ба муайян намудани хусусият ва омилҳои ба самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ;

- такомули фишанги давлатӣ барои истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ифода ёфтанд;

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;

-  *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалавр, магистрон ва докторантон, барои хондани фанҳои махсус, ба монанди “Бозори меҳнат”, “Идоракунии кормандон”, Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳаҳо”, “Ташкили истеҳсолот”, “Маркетинг”, “Асосҳои менеҷмент” ва дигарҳо истифода шуданаш мумкин аст.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин масъалаҳои ташаккулёбӣ ва идоракунии меҳнат асос ёфтааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «\“Иқтисоди меҳнат”, “Идоракунии кормандон”, Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳаҳо”, “Ташкили истеҳсолот”, “Асосҳои менеҷмент” ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 8 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2015-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 27 январи соли 2024 қарори сазовор донистан Кармышева Майсара Назруллоевна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдарории хулоса 30.01.2024**